**СУХАНРОНИИ РАИС – 16 ИЮНИ СОЛИ 2023 МАРОСИМИ ХАТМИ ТАҲСИЛИ ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

Бисмиллоҳ-ир-раҳмон-ир-раҳим

Ҷанобони Олӣ Имоналиев Канибек Капашович, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон;
Саидзода Раҳим Ҳамро, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Алтинбек Эргешов, Раиси вилояти Нарин; ва
Мирзонабот Алишер Худобердӣ, Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
Малика Заҳро Оғохон ва аъзоёни Шӯрои Парасторон;
Максим Хомяков, Декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатштносӣ ва дақиқ
Устодон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ;
Эҳдокунандагони саховатманд, шарикон, ризокорон ва дӯстони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар саросари ҷаҳон;
Волидон ва аъзои хонаводаҳо;
Меҳмонони арҷманд;
ва аз ҳама муҳимтар хатмкунандагони азиз;

*Ассалому алейкум* ва субҳ ба хайр ба ҳамаи касоне, ки дар шаҳракҳои донишҷӯии Нарин ва Хоруғ ҳастанд ва дуруд ба ҳамаи онҳое, ки аз Осиёи Марказӣ ва хориҷ аз он ба мо пайвастаанд.

Хушҳолам, ки ба намояндагӣ аз Шӯрои Парасторон, шуморо ба саввумин маросими хатми таҳсили Донишгоҳи Осиёи Марказӣ хушомад мегӯям. Имрӯз рӯзест, ки мо аз дастовардҳои хатмкунандагони худ таҷлилу қадрдонӣ менамоем, дар шодии онҳо шарикем ва чашминтизори тавфиқ ва таъсири мусбате ҳастем, ки онҳо бар ҷомеаҳои худ хоҳанд дошт.

Аз 76 нафар хатмкунандагони мо аксарияташон аз ҷинси зан ҳастанд ва қариб а 70%-и онҳо аз шаҳрҳои хурд ва минтақаҳои рустоӣ мебошанд. Инҳо аз миёни тақрибан 1500 нафар довталаб дар асоси лаёқату шоистагиҳояшон ба таҳсил пазируфта шудаанд.

Ҳоло, пас аз гузашти панҷ сол, ин хатмкунандагон аз тариқи посухгӯ будан ба стандартҳо ва талаботи сахти риштаҳои омӯзишии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, пойдорӣ, сахткӯшӣ ва истеъдоди худро собит намудаанд. Ин дар шароите сурат гирифтааст, ки мушкилоту чолишҳои зиёд, аз ҷумла паёмадҳои Ковид-19 садди роҳ будаанд.

Аммо сарфи назар аз ҳамаи инҳо, онҳо ҷомеаи моро дар Нарин ва Хоруғ бо саргузаштҳои шахсӣ, азму иродаи пирӯзӣ, манфиатҳои дилчасп ва тавоноиҳои академии фардии худ ғанӣ гардонидаанд. Онҳо қобилияти худро дар пазириши идеяҳо ва чолишҳои ҷадид бо шеваҳои дақиқнигарона ва мунаққидона ва даргир шудан бо ҷаҳони атроф дар партави ҳамдилӣ, шафқат ва ҳисси масъулият собит намудаанд.

Хатмкунандагони азиз, аз имрӯз ба баъд, шумо донишҷӯёни мо нахоҳед буд, аммо дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аз ҷойгоҳи аз ин болотаре бархурдор хоҳед буд, зеро шумо

шомили гурӯҳи хатмкунандагони мо хоҳед шуд. Бинобар ин, шумо ба унвони бахше аз хонаводаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ боқӣ хоҳед монд.

Шояд шумо барои шомил шудан дар барномаҳои пас аз хатми таҳсилии мо дар оянда ба ин ҷо баргардед, ё ба ҳайси муаллимон, муҳаққиқон, кормандон ва ризокорон ба мо бипайвандед. Хулоса, шумо таҳсилро хатм мекунед, аммо мо ва ҳамсабақони худро тарк намекунед ва мо муштоқона мунтазири идома додани робитаҳои худ дар оянда ҳастем.

Хатми таҳсил мояи ифтихори ҳамаи касонест, ки дар муваффақиятҳои омӯзишии хатмкунандагон саҳмгузорӣ намудаанд: устодон, кормандон, мудирияти донишгоҳ ва аъзои Шӯрои Парасторон. Аммо, ин замонест, ки бояд бештар аз ҳама, аз волидайн, хонавода ва дӯстонатон, ки ба хотири расидан ба ин рӯз шуморо кумак намудаанд, ташаккур ва қадрдонӣ намоем. Мо ба фидокориҳои онҳо аҳсан мехонем.

Ман, ҳамчунин аз номи Канслери Донишгоҳ ва Шӯрои Парасторон, аз ҳомиёни Донишгоҳ – Президентҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон барои кӯмакҳои арзишманд ва ҳимояташон аз муассисаи рӯ ба тараққии мо қадрдонӣ менамоям.

Мо ба Вазоратҳои маориф ва илми ҳар се кишвари муассис ба хотири кӯмакҳояшон дар иҷрои барномаҳои омӯзишии навоваронаамон сипосгузорӣ менамоем. Мо аз Раисони шаҳрҳои Нарин, Хоруғ ва Текели барои истиқбол намудан аз Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба унвони бахше аз ҷомеаи худ ташаккур мекунем.

Вақте Муассисон тасмим гирифтанд, ки Донишгоҳи Осиёи Марказиро ба шаҳрҳои кӯҳистонии Нарин, Хоруғ ва Текели биёваранд, яке аз ормонҳояшон ин буд, ки ин шаҳрҳо худро ба унвони "шаҳрҳои донишгоҳӣ" эҳё ва муаррифӣ намоянд.

Шаҳри донишгоҳӣ шаҳрест, ки дар он омӯзиши олӣ муҳаррики аслии фаъолиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, эҷоди шуғл ва ҷалби сармоя мебошад. Хушбахтона, ҳам Хоруғ ва ҳам Нарин ҳар кадом ду донишгоҳ доранд, ки намунаи Оксфорд ва Ҳейделбергро ба хотир меоваранд.

Бинобар ин, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Донишгоҳҳои Давлатии Хоруғ ва Нарин дар фаъолиятҳои илмӣ ва инкишоф ҳамкорӣ мекунад, то сифати зиндагиро дар маконҳое, ки як рӯз ба шаҳрҳои нирӯманди донишгоҳӣ табдил хоҳанд шуд, баланд бардорад.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва шариконаш то кунун чанд қадами муҳимро дар ҷиҳати эҷоди "шаҳрҳои донишгоҳӣ" бардоштаанд. Охирин ташаббус дар ин талош Лоиҳаи устувории шаҳрӣ дар Нарин ва Хоруғ аст. Ин шарикӣ миёни ҳукуматҳои кишварҳои муассис, Дафтари умури иқтисодии Швейтсария ва Ташкилоти Оғохон оид ба рушд аст. Ин ҳамкорӣ шомили барномаҳои ҷадиде мешавад, ки ба барномарезии шаҳрии пойдор, тақвияти зарфиятҳои мақомоти давлатӣ ва сармоягузории зерсохтҳои пойдор тамаркуз мекунанд.

Аммо ман муътақидам, ки ба ҳамон андоза ки ин талошҳо ва ташаббусҳо муҳиманд, ин амалкарди хатмкунандагони мактабҳои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аст, ки муҳимтарин

саҳмро дар рушди минтақа хоҳад гузошт. Онҳо корофаринон, навоварон, муҳаққиқон, сиёсатгузорон ва раҳбарони ҳавзаҳое хоҳанд буд, ки ҳанӯз зуҳур накардаанд. Бидуни шак, дастовардҳои онҳо моро ҳатто бештар аз имрӯз ифтихормандтар хоҳанд кард. Бинобар ин, хатмкунандагони азиз, хоҳишмандам, самимонатарин табрикоти маро дар ин муносибати бисёр фархунда бипазиред.

Дар ниҳоят, ҳамон тавр ки имрӯз шуморо омодаи иҷрои нақши худ дар ҷаҳон мебинам, маросими хатми таҳсили дигаре, ки ҳудуди 35 сол қабл дар Донишгоҳи Оғохон иттифоқ уфтода буд, ба ёдам меояд.

Дар он замон, ман Президенти Донишгоҳи Оғохон будам ва ҳоло донишҷӯи мумтозе ба ёдам меояд, ки таҳсили худро бо беҳтарин натиҷаҳо хатм намуда буд. Ӯ шуғли пизишки атфолро интихоб намуд, ва баъдан дар Донишгоҳи Оғохон ба дараҷаи профессорӣ расида буд.

Ӯ ба сабаби донишу маҳорати олӣ, сифатҳои раҳбарӣ ва сахткӯшии худ имрӯз ба унвони яке аз машҳуртарин хатмкунандагони Донишгоҳ шинохта мешавад.

Ин шахс Доктор Анита Зайдӣ, яке аз шаш нафар раисони Фонди Билл ва Мелинда Гейтс мебошад.

Мо бисёр хушбахтем, ки имрӯз ӯро ба унвони суханрони аслӣ ҳамроҳ бо худ дорем.

Ҳамон гуна ки ӯ барои бисёриҳо дар саросари ҷаҳон намуна ва сармашқи олӣ будааст, ман шак надорам, ки таҳсили шумо низ шуморо барои он рӯз омода кардааст, ки ба авҷи ҳирфаи худ бирасед ва илҳомбахши наслҳои ояндаи хатмкунандагон бошед.

Хатмкунандагони азиз, дар ҳоле ки шумо мисли Доктор Зайдӣ ба марҳалаи баъдии сафари худ оғоз мекунед, ман муътақидам, ки сахткӯшӣ ва пойдории шумо дар пайгирӣ кардани ҳадафҳоятон, ҳамроҳ бо иштиёқу дилсӯзии шумо шартҳои муҳими муваффақиятатон хоҳанд буд. Бидонед, ки дуоҳои мо барои тавфиқу комёбии шумо ҳамеша ҳамроҳи шумо ҳастанд.

Ташаккур.